# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамияти таҳқиқи диссертатсионӣ.** Воқеан, дар раванди имрӯзаи ташаккули робитаҳои иқтисодӣ воридоти андозҳо дар қисми даромади буҷети давлатӣ нақши муҳим дошта, аз самаранокии маъмурикунонии маблағи андозҳо ва низоми андозбандӣ, инчунин вусъатдиҳии иқтидори андозӣ дар минтақаҳо ба миён меояд. Аз ин рӯ, коркарди заминаҳои ташкилию методологии вусъатбахшии иқтидори андозии минтақа, такмили низоми маъмурикунонии андоз ва пешгӯию ҳаддикунонии истифодаи иқтидори андоз дар рушди минтақа аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти муосири буҷету андоз маҳсуб ёфта, мубрамияти мавзуи диссертатсияро асоснок менамоянд.

Бобоев Фарухзод Маҳкамович соли 2008 МДТ «Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон» - ро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ бо муваффаққият хатм намудааст (ба ӯ тахассуси иқтисодчӣ – бозраси андоз дода шудааст). Аз соли 2008 ба кафедраи андоз ва андозбандии МДТ «Шуъбаи Хуҷандии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон» ба кор қабул шуда, аз соли 2010 то соли 2025 дар кафедраи молия ва қарзи МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» фаъолияти меҳнатиашро идома додааст. Айни ҳол дар кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» фаъолият дорад.

Бобоев Фарухзод Маҳкамович аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» мебошад.

Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва тавсияҳо барои татбиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, инчунин дар таҳқиқот навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия баён ёфтааст.

**Дар боби аввал** — «Ҷанбаҳои назариявию методии таҳқиқоти иқтидори андозии минтақа», табиати иҷтимоию иқтисодии иқтидори андозӣ дар сатҳи минтақа ҳаматарафа таҳлил гардида, принсипҳои методологии баҳодиҳии имкониятҳои фискалии минтақавӣ асоснок шудааст.

Дар заминаи таҳқиқи ҷанбаи назариявии иқтидори андозии минтақа таърифи иқтисодии категорияи иқтидори андоз қиёсан ба дигар ифшосозиҳои мавҷуда амиқтару дақиқтар бо назардошти хусусиятҳои хоси муносибатҳои андозии мавҷуда дар кишвар ва минтақаҳои он муайян карда шуд. Инчунин, дар заминаи муайян кардани мавқеи муаллифӣ дар ифшо намудани таърифи иқтидори андоз имкон ба даст дод, ки ин категорияро чун унсури муҳими сиёсати андоз ва системаи андози минтақа ва дар маҷмуъ мамлакат тасдиқ карда бошем.

**Дар боби дуюм** - «Вазъ, хусусиятҳо ва рушди иқтидори андозии вилояти Суғд», ҳолати иқтидори андоз арёбӣ гардида, омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии иқтидори андозии вилояти Суғд муайян карда шудааст ва нақши иқтидори андоз дар рушди минтақа асоснок гардидааст.

Тавре таҳлилҳо дарак медиҳанд дар идоракунии иқтидори андозии минтақа бо мақсади вусъатдиҳии иқтидори андоз дар оянда нуқсонҳо дар самти ҷолибияти сармоягузорӣ, баробар рушд накардани мавҷудияти захираҳои истеҳсолӣ, рушди номутаносиби воридотҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, сатҳи пасти коҳишдиҳии бақияи қарзи андоз дар баъзе шаҳру ноҳияҳои минтақа ва афзоиши он дар солҳои охир ва ғайраҳо таъсир мерасонанд.

**Дар боби сеюм** - «Баландбардории самаранокии татбиқи иқтидори андозии вилояти Суғд», такмили механизми маъмурикунонии андоз, ояндабинӣ ва беҳтарсозии истифодаи иқтидори андоз дар рушди минтақа асоснок карда шудааст.

Ҳамин тавр, истифодаи ҳаддиаксари иқтидори андозии минтақа дар заминаи таҳия ва татбиқи барномаи махсус ва арзёбии дақиқи вазъи иқтидори андозу такмили механизми маъмурикунонии андоз имконпазир мегардад.

Дар робита ба ҷанбаҳои инкишоф ва татбиқи иқтидори андозии вилояти Суғд тамоюлҳои зерини вусъатдиҳии иқтидори андоз дар раванди татбиқи қонунгузории андоз дар минтақа мувофиқи мақсад аст: ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар минтақа; коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ; густариши пояи истеҳсолӣ; мукаммалгардонии низоми андозситонӣ; баррасии коҳиши бақияи қарзи андоз; такмили натиҷабахшии чораҳои назоратии мақомоти андоз; инкишофи фарҳанги андозии андозсупорандагон.

Хулоса, диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.


**Роҳбари илмӣ д.и.и., дотсент,**
**ректори Донишкадаи**
**кӯҳию металлургии Тоҷикистон** **Маҳмадалӣ Б.Н.**

«13» 10 2025

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, кӯчаи А. Баротов,
бинои 2, ҳуҷраи 7.
Тел.: (+992) 92-027-09-38
E-mail: bakhtiyr1971@mail.ru


**Имзои Маҳмадалӣ Б.Н.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон** **Муминова Д.М.**


Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Бӯстон, кӯчаи А. Баротов, 6.
Тел.: (+992 83451) 5-02-89
E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru
Сомона: www.gmit.tj


«13» 10 2025